КОНСТИТУТСИЯ – ШИНОСНОМАИ МИЛЛАТ

*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 10 (190) 1-УМИ НОЯБРИ СОЛИ 2023, ЧОРШАНБЕ



**Дар асоси Конститутсия таъмин намудани соҳибихтиёрӣ, истиқлолу озодӣ ва тамомияти арзии кишвар вазифаи асосии давлат буда, тағйирнопазир будани шакли идораи кишвар, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва иҷтимоии давлат ҳамчун меъёрҳои пойдору устувори он эътироф гардидаанд.**

**Дар ин санади бунёдии давлат мақсаду вазифаҳо, асосҳои сохтори давлатдорӣ, рамзҳои давлатӣ, ҳудуди кишвар, муносибат ба моликият, самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври возеҳу равшан инъикос шудаанд.**

**Имрӯз вазифаи ҷониву муқаддаси ҳар яки мо аз он иборат аст, ки ба арзишу меъёрҳои Конститутсия арҷ гузорем ва дар асоси ин бахтномаи миллат дар роҳи ноил шудан ба ҳадафҳои давлати озоду соҳибистиқлоламон кӯшиши боз ҳам бештар ба харҷ диҳем.**

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:

СУХАНРОНИИ РЕКТОРИ ДМТ, ПРОФЕССОР ХУШВАХТЗОДА Қ.Х. с. 2

ДАСТОВАРДҲОИ НАЗАРРАСИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ с. 3

75 СОЛИ РУШД ВА КАМОЛОТ с. 4

УНИВЕРСИТЕТ: 75 ЛЕТ АКАДЕМИЧЕСКОГО ПРЕВОСХОДСТВА И ИННОВАЦИЙ с. 7

ОИНИ ГИРОМИДОШТИ 75-УМИН СОЛРӮЗИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛӢ ҲУМОЮН БОД! с. 9

КОНСТИТУТСИЯ – ШОҲСУТУНИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ с. 11

ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ с. 15

# СУХАНРОНИИ РЕКТОРИ ДМТ, ПРОФЕССОР ХУШВАХТЗОДА Қ.Х.

## Ба муносибати 29-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо азму иродаи халқи шарафманди тоҷик 6-уми ноябри соли 1994 дар марҳалаи басо мураккаби диёри куҳанбунёдамон қабул гардид, ки ин воқеаи нодиру фараҳбахши сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва арзишмандтарин сармоя дар масири давлатсозиву давлатдории миллӣ, пойдории сулҳу амнияти миллӣ ва баланд гардидани шуури ҳуқуқӣ ва камолоти фарҳангии миллати тоҷик ба шумор меравад. Дар он таҳкурсии ҳуқуқии давлати нави миллӣ гузошта шуда, шакл, моҳият, мазмун, ҳадаф ва вазифаҳо муайян карда шудаанд. Баробари ин, Конститутсияи мазкур қадами аввал дар самти барасмиятдарории давлатдории навини Тоҷикистон мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ баён менамоянд, ки «Конститутсия, воқеан шоҳсутун ва шиносномаи давлат, санади тақдирсоз ва таъинкунандаи сарнавишти ҳар халқу миллат мебошад. Маҳз ба шарофати истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва қабули Конститутсия бунёди давлати навини тоҷикон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шуд ва он ба сифати сарчашмаи олии низоми ҳуқуқии мамлакат эътироф гардид.

Имрӯз бо итминони комил гуфта метавонем, ки Конститутсияи мо барои ифодаи ҳадаф ва рушду такомули давлату давлатдории навин омили асосӣ гардида, дар дигаргунсозии бунёдии тамоми муносибатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон нақши муайянкунанда дорад. Он ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат дода, асосҳои сохти ҷамъият, шакли идоракунӣ ва ташкили ҳудуди давлат, асосҳои таъсиси мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, салоҳият ва муносибати онҳоро муайян менамояд».



Баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон зарурати ба таври куллӣ аз нав муайян кардани низоми ҳуқуқие, ки дар асоси онҳо ҳаёти давлати соҳибихтиёр созмон ёфта, шаҳрвандонаш умр ба сар мебаранд, ба миён омад. Барои ҳалли ин масъала аллакай корҳои зиёде ба сомон расонида шудааст.

Албатта, дар тӯли як фосилаи кӯтоҳи таърихӣ дар партави Конститутсия гузаронидани ислоҳоти ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ аз пешрафти муътадилу ором ва босуботи давлату ҷомеа далолат мекунад. Ба ин, пеш аз ҳама, фазои сулҳу ваҳдат ва кӯшишҳои мардум барои мутобиқшавӣ ба шароити дар ибтидо душвори иқтисоди бозоргонӣ мусоидат мекунад. Вазифаи муҳимтарини давлат, коркарду таҳияи қонунҳоест, ки ба танзими оқилонаи муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёту иҷтимоиёт дар ин марҳила вобаста мебошанд. Барои иҷрои ин амал аз дастури сарвари давлат, ки қариб дар аскарияти баромадҳояшон, ки ба мавзӯи конститутсия бахшида шудаанд, бояд истифода кард: «Мо бояд эҳтироми ин санади танзимгари ҳаёти ҷомеаро омӯзем, аз имкониятҳои он ҳарчи бештар истифода барем ва дар ниҳояти кор ба он муварфақ шавем, ки риояи ҳатмии он барои ҳар як шаҳрванди мамлакат ҳам фарзу ҳам суннат гардад».

Дар марҳилаи муосири ислоҳот ва тағйиротҳои куллӣ танзими ҳуқуқии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлат яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ мегардад. Рушди устувори иқтисодиёт ва ҷомеа, ташаккули давлати нерӯманд танҳо дар асоси тавсеаи дастгирии иҷтимоии ҳадафҳо ва ғояҳое, ки дар Конститутсияи ҶТ, мустаҳкам гардида имконпазир аст.

Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун санади иҷтимоиву фарҳангӣ қабл аз ҳама он муносибатҳоеро таҳти танзим қарор медиҳад, ки онҳо зиндагии бошарафонаи инсонро таъмин мекунанд. Қонуни асосӣ роҳҳои қаноат бахшидан ба талаботи иҷтимоии аъзои ҷомеаро дар соҳаҳои маориф, илм, ҳифзи саломатӣ, фарҳанг таъминоти иҷтимоӣ, ҳифзи меҳнат ва оиларо муқаррар мекунад.Танзими ҳаёти иқтисодӣ, аз ҷумла мушаххас сохтани шаклҳои моликият, кафолати соҳибкории озод, ҳифзи моликияти фард, масъун будани амволи ҳар кас аз мудохилаи ғайриқонунӣ ва ғайра, ки асосу бунёди рушду такомули ҳаёти ҷомеаро кафолат медиҳад, ифодакунандаи Қонуни асосӣ ба сифати санади иқтисодӣ мебошад.

Мусаллам аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни асосии давлат сарчашмаи бунёдии қонунгузорӣ маҳсуб гашта, дар низоми ҳуқуқӣ нисбат ба дигар санадҳо қувваи олии ҳуқуқӣ дорад ва доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро муқаррару танзим менамояд, зеро дар он асосу заминаҳои ҳуқуқиву иқтисодии давлату ҷамъият муайян гардидаанд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуну санадҳои меъёрии зиёде, ки ба идоракунии давлатӣ, иқтисодиёт, ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, сиёсати хориҷӣ, риояи тартиботи ҳуқуқӣ дахл доранд, қабул гардида, дар ҳаёт татбиқ шуда истодаанд ва дар ягонагӣ низоми иқтисодию иҷтимоии мамлакатро ифода менамоянд.

Дар охир аз фурсати муносиб истифода бурда, ҳамаи устодону кормандони ин боргоҳи илму маърифатро ба муносибати 29-умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику муборакбод намуда, ба онҳо тамоми хушиҳои рӯзгорро таманно дорам. Бигзор ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз ҳамчун намоди давлатдории миллӣ барои ин миллати тамаддунофару фарҳангсолор ҷовидона пойдор бошад.

# ҲАМКОРӢ БО ВОЛИДАЙН – ОМИЛИ УСТУВОР ГАРДИДАНИ ТАРБИЯ



Санаи 21 октябр дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷаласаи волидайни донишҷӯёни курсҳои якум баргузор гардид. Мақсад аз баргузории ҷаласаҳои волидайн ин пеш аз ҳама ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва таҳкиму тақвият бахшидан ба раванди таълиму тарбия махсуб ёфта, ба манфиати тарафайн нигаронида мешавад. Дар кори ҷаласа декани факултети ҳуқуқшиносӣ дотсент Мирзозода П.З., мудири шуъбаи тарбияи донишгоҳ дотсент Саидов Ҳ., муовини декан оид ба таълим Қурбонов Қ.Б., муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ дотсент Буриев А.Р. ва сарпарастони гурӯҳҳои академӣ иштирок намуданд.

Зимни суханрониҳо декани факултет нахуст ба падару модароне, ки дар ҷаласа иштирок намуданд, изҳори сипос намуда, таъкид доштанд, ки раванди ҳамкориҳои волидайн бо факултет бояд мустаҳкам гардида, пайваста ҷараён дошта бошанд. Зеро огоҳии волидайн ва омӯзгор аз раванди донишомӯзии донишҷӯ боиси баланд гардидани масъулияти ӯ гардида, дар ҷараёни таълим фаъолона иштирок менамояд.



Дар фарҷоми ҷаласа, падару модарони донишҷӯён суханронӣ намуда, миннатдории хешро ба роҳбарияти донишгоҳ ва садорати факултет барои тақвият бахшидани ҳамкориҳо бо волидайни донишҷӯён расониданд.

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС
ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.** муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.** Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИТ;
**Ватанзода М.М.** Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.** профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# МУШКИЛОТҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЗАМИН ДАР ДАВРОНИ МУОСИР



Санаи 13 октябри соли 2023 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир» баргузор гардид.

Дар конференсияи мазкур олимону коршиносон, намояндагони Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Прокуратураи генералӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва унвонҷӯёну докторантон иштирок намуда, доир ба масъалаҳои мубрами қонунгузории замин маърузаҳои худро пешниҳоди ҳозирин намуданд.

Сипас, атрофи мавзуъҳои пешбинигардида муҳокимаронӣ сурат гирифта, иштирокчиён андеша ва тавсияҳои худро ҷиҳати такмили қонунгузории замин баён намуданд.




# ҒОЛИБИЯТ МУБОРАК!



Дар таърихи 18 октябри соли 2023 якумин Озмуни миллӣ оид ба ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ аз ҷониби Кумитаи байналмилалии салиби сурх баргузор гардид. Дар озмуни мазкур дастаҳои олимпии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи Славянии Тоҷикистон ва Россия, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд. Дар ин озмун, Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро дастаи олимпии факултети ҳуқуқшиносӣ муаррифӣ намуд.

Боиси хушнудист, ки баъд аз 3 даври сабқатҳо дастаи олимпии факултети ҳуқуқшиносӣ ҷойи аввалро ишғол намуда, сазовори Ҷоми миллӣ гардид.

**Дастовард муборак!**



# ҶАЛБИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ БА КИТОБХОНӢ

Тоҷикон аз қадим миллати бофарҳанг, китобдору китобхон ва соҳиби маданияти баланд мебошад. Китоб беҳтарин ганҷинаи ҳастӣ ва роҳнамою роҳкушои инсон ба шумор меравад. Инсони бофарҳангу китобхон ҳама вақт дар ҷомеа обруманду соҳибэҳтиром мебошад. Вобаста ба ин, пайваста донишҷӯёни курси якум бо роҳбарии сарпарастон ба Китобхонаи миллӣ сафарбар гардида, ба мутолиаи китоб машғул мегарданд. Ҳамин аст, ки тамоми донишҷӯёни курсҳои якуми факултет ба Китобхонаи миллӣ аъзо гардиданд.



Ба ин васила, таваҷҷуҳи донишҷӯён ба китобдорию китобхонӣ зиёд гардида, дар озмунҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, озмуни «Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст», ки маҳз бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таи чанд сол аст баргузор мегардад, иштироки фаъолона менамоянд.

# ДАСТОВАРДҲОИ НАЗАРРАСИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ

Дастаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат», ки бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров доир гардид, соҳиби 5 ҷойи ифтихорӣ (1 ҷойи 1-ум, 1 ҷойи 2-юм ва 3 ҷойи 3-юм) гардида, ғолибон бо диплом ва туҳфаҳои моливу хотиравӣ ҳавасманд гардонида шуданд.



Факултети ҳуқуқшиносиро дар озмуни мазкур докторанти PhD кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Солеҳи Разоқ муаррифӣ намуд, ки сазовори ҷойи 3 гардид.

Ҳамчунин, хурсандибахш аст, ки донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ на танҳо дар риштаи илм, таълим ва тарбия намунаи ибрат мебошанд, балки дар бахши намудҳои гуногуни варзиш низ муваффақ гардида, пайваста ғолибият ба даст меоранд.




Дар ин асно, санаи 30 сентябри соли равон аз ҷониби Федератсияи панкратиони ҶТ мусобиқаи шаҳрӣ оид ба муҳорибаҳои тан ба тан байни ҷавонон баргузор гардид, ки дар он донишҷӯи факултет Сафаров Исмоил иштирок намуда, сазовори ҷойи 1-ум гардид.

Дар ин радиф, донишҷӯи курси 3 факултети ҳуқуқшиносӣ Ҳасанова Малика дар озмуни байналмилалии корҳои илмии «Лидерони ИДМ» иштирок намуда, ғолибиятро ба даст овард, санаи 14 октябри соли 2023 бошад, дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон ҷоизаи озмуни мазкур ба ӯ супорида шуд.




Дар робита ба ин, садорат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултет Солеҳи Разоқ, Сафаров Исмоил ва Ҳасанова Маликаро бо ин дастовардашон табрик намуда, дар фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва варзишӣ бурдбориҳо таманно менамоянд.

# 75 СОЛИ РУШД ВА КАМОЛОТ

*Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки мо 75-солагии яке аз Донишгоҳҳои бонуфуз ва асосии мамлакат Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро истиқбол мегирем. Ҷойгоҳ ва саҳми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар рушди мамлакат, соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии он басо муҳим ва назаррас мебошад.*

Дар тули ин солҳо Донишгоҳ ҳазорон мутахассисони соҳаҳои гуногуни ҷомеаро тайёр кард ва онҳо барои рушди мамлакат саҳми сазовори худро гузоштанд ва гузошта истодаанд.

Донишгоҳ худ низ дар ин муддат басо таҳкиму такмил ёфт. Ҳоло дар Донишгоҳ даҳҳо ихтисосҳои нав таъсис ёфтанд ва ин Донишгоҳро ба як маркази муосири пешрафта ва пешбари илмӣ - педагогӣ табдил додааст. Бо ин иқтидори бузург Донишгоҳ саҳми босазои худро дар рушди минбаъдаи Тоҷикистони соҳибистиқлол мегузорад.

Саҳми Донишгоҳ дар тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси ҳуқуқшиносӣ низ хеле бузург аст. Дар ин даргоҳ беҳтарин ҳуқуқшиносон тарбия гирифтаанд, ки онҳо на танҳо дар миқёси ҷумҳурӣ, балки берун аз он низ соҳиби эътибору эҳтиром гаштаанд, ки дар он саҳми устодони факултети ҳуқуқшиносӣ басо муҳим мебошад. Бисёре аз онҳо ҳаёти худро ба ин Донишгоҳ, факултет ва тарбияи ҳуқуқшиносон бахшиданд ва ёдовар шудани онҳо дар ин ҷашни фархунда қарзи инсонии мо - шогирдон аст. Дар ин росто устодони зеринро метавон ном бурд: С.А. Раҷабов, О.У. Усмонов, Ф.Т. Тоҳиров, В.А. Ойгензехт, В.Г. Мелкумов, М.М. Муллоев, Ш.М. Менглиев, Р.Ҷ. Ҷабборов, Н.А. Абдуллоев, С.Ҳ. Ҳасанов, Х.Х. Ҳамидов, Ш.Р. Розиқов, Е. Ардрусенко, Ҷ.Р. Ҷалилов ва дигарҳо. Устодони зерини мо, ки солҳои зиёд ҳуқуқшиносонро тарбия кардаанд ва ҳоло низ ин фаъолияти пурифтихорро идома медиҳанд, боиси ифтихор ва хушбахтии мо мебошанд: З.Д. Ямоқова, А.И. Имомов, Ш.Т. Тағойназаров, Ш.М. Исмоилов, М.А. Маҳмудзода, М.З. Раҳимзода, Н.Ш. Шонасриддинов, Т.Ш. Шарипов, Р.Шарофзода аз зумраи онҳо мебошанд.



**Зариф АЛИЗОДА**
**ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**



Аз фурсати муносиб истифода бурда, роҳбарият, ҳайати профессорону устодон, дигар кормандон, аспирантон, магистрантҳо, донишҷуён ва хатмкардагони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва факултети ҳуқуқшиносиро ба ин ҷашни таърихӣ табрик гуфта, ба онҳо тансиҳатӣ, хонаободӣ ва бурдбориҳоро дар фаъолияти пурифтихори илмӣ ва омӯзгориашон таманно дорам.

# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БОРГОҲИ ИЛМУ МАЪРИФАТ



**Зумрад ЯМОҚОВА**
**профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ**

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон яке аз куҳантарин мактабҳои олии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҷиҳати омода ва ташаккули сиёсатмадори дурандеш дар роҳи ба оламиён муаррифӣ намудани тамаддун, таърих ва илму фарҳанги тоҷикон хизматҳои бузурги пураpзишро асос гузоштааст. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: “...Ман инчунин хатмкардаи ин мактаби маърифат (ДМТ) ҳастам ва аз ин хеле ифтихор мекунам! «Ифтихори Донишгоҳ докторҳои фахрии он мебошанд, ки дар байни онҳо ходимони барҷастаи давлативу сиёсӣ ва олимони шуҳрати ҷаҳонидошта зиёданд”. Воқеан, андешаҳои Пешвои миллат аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз бузуртарин марказҳои илмиву таълимӣ ва фарҳангӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақа шинохта шудааст, ки барои муаррифӣ ва баланд бардоштани ин мақом нақши роҳбарони Донишгоҳ дар давраҳои гуногун хеле калон аст.

Ифтитоҳи лабараторияҳо, озмоишгоҳҳо, марказҳои таҳқиқотӣ, таълимӣ ва таҷрибаомӯзӣ ва ташкили ихтисосҳои ҷавобгуи талаботи муосир аз ҷониби ректори Донишгоҳ профессор Қобилҷон Хушвахтзода гувоҳи талошҳои пайваста ва саҳм гузоштан дар татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат мебошад.

Дар шароити имрӯза, бояд қоил шуд, ки дар давраи роҳбарии ин шахсияти илмдӯст, садҳои олимони ватанию хориҷӣ рисолаҳои номзадӣ ва докторини худро ҳимоя намуда, зиёда аз 100 нафар кормандону омӯзгорони Донишгоҳ соҳиби манзили зист гардидаанд, ки ин рухдод дар таърихи Донишгоҳ бесобиқа мебошад.



*Дар соли 15-уми фаъолияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, пас аз хизмати ҳарбӣ дар Флоти шимолии давлати шуравӣ, соли хониши 1962-1963 ба факултети ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 1967 бо дипломи сурх хатм намудам. Он солҳо давраи ташаккулёбӣ ва нашъунамои Донишгоҳ буда, мақомоти ҳизбӣ ва давлатии ҷумҳурӣ барои комёб гаштан ба устуворшавӣ ва рушди минбаъдаи он мунтаззам ғамхорӣ зоҳир мекарданд. Барпоёбии Донишгоҳи миллӣ дар таърихи инкишофи илму маориф ва фарҳанги мамлакат аҳамияти хеле калон дорад. Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар 24-умин ҷашни барпоёбии худ ба таъсиси ин боргоҳи илму таълим ва маърифат комёб гардид. Таъсисёбии Донишгоҳи миллӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва илму фарҳанги Тоҷикистон ба ҳодисаи фавқулодда, саҳифаи нави инкишофи он табдил ёфт.*



Ашӯрбой ИМОМОВ
профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ

# ДОНИШГОҲИ МИЛЛӢ – 75 СОЛИ КОМЁБИҲОИ БЕНАЗИР




Дар кори ташкили фаъолияти ҳар як муассисаи таълимӣ ва илмию маърифатӣ нақши роҳбари он хеле калон аст. Дар симои шахсияти ректорони донишгоҳу донишкадаҳо ҷомеа ба фаъолияти муассиса баҳо медиҳанд ва тибқи кӯшишу ғайрат, кордонию ихтисосмандии онҳо кори муассиса ривоҷ ёфта, заминаи пешравии минбаъдаи он муҳайё мегардад. Бо ин мақсад ба роҳбарии Донишгоҳи миллӣ ҳамчун қоида, олимони намоёни сатҳи ҷумҳурӣ ва берун аз он, шахсони қобилияти баланди ташкилӣ дошта, тайин мегарданд. Дар хусуси ректори аввалини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зариф Шарифович Раҷабов, олими намоёни сатҳи иттифоқии таърихшиносӣ, шахси ташаббускор ва ташкилотчии бомаҳорат, ки дар ба пой истодан ва қомат рост кардани Донишгоҳ хизмати шоиста кардааст, дар сарчашмаҳо муфассал маълумот дода шудааст. Ӯ ҳамчун олими таърихшинос бо асарҳои илмию таҳқиқотии худ номдор гашта, дар миқёси давлати иттифоқӣ сазовори эҳтироми хоса буд. Ҳамзамон дар пешрафти ин боргоҳи илму ирфон роҳбарони баъдӣ низ нақши арзанда дошта, барои парвариши таълиму тарбия, ба камол расонидани мутахассиссони варзидаи соҳаҳои гуногун хидматҳои шоён намуданд.

Дар арафаи пошхӯрии ИҶШС ва давраи соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон фаъолияти ДМТ бо чандин мушкилиҳо рӯ ба рӯ гашта, бо мурури устуворгардию пешравии давлатдории миллӣ боз мавқеи баланди маркази таълиму тарбия ва илмӣ будани худ ноил гардид. Дар ин марҳила кори роҳбарии ДМТ-ро як силсила дастпарварон - ҳатмкунандагони он ба ӯҳда доштанд. Олимони барҷастаи илм Исмоил Давлатов (1988-1990), Тоҳиров Фозил Тоҳирович (1990-1995), Ҳабиб Муродович Сафаров (1995-2001), Ҳайдар Сафиев (2001-2005), Саидмуҳаммад Одинаев (2005-2008), Саид Нуриддин Саид (2008-2012), Ҳаёт Одинаев (10 январ- 28 августи с.2012), Муҳаммадюсуф Имомзода (2012-2019). Дар давраи фаъолияти ҳар яки онҳо як қатор масоилҳои рушди Донишгоҳ ҳаллу фасл гардида, ба кори пешравии фаъолияти он ҳисса гузоштаанд.

Аз соли 2020 инҷониб Ректори ҷавонтарини ДМТ, олими намоёни соҳаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ, шахси ташаббускору пурғайрат Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ба фаъолияти Донишгоҳ роҳбарӣ менамояд. Ҳоло Донишгоҳ дар давраи камолот ва ноил гардидан ба дастовардҳои назаррас мебошад. Солҳои охир бо ташаббуси ӯ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти таълимӣ, илмӣ, робитаҳои байналмилалии Донишгоҳ, корҳои бинокорӣ, варзиш, иштирок дар озмунҳо ва ҳар гуна форумҳои илмию амалии сатҳи байнидонишгоҳӣ, байнидавлатӣ комёбиҳо ба даст



оварда мешаванд. Фақат дар чанд соли охир дар ҳаёту фаъолияти ДМТ чандин рӯйдодҳо ба монанди аз таъмири пурра баровардани хобгоҳ ва ба хонаҳои истиқоматӣ табдил доданӣ онҳо, ифтитоҳи Маркази илмӣ-таҳқиқотии Пешвои миллат, таъсиси Озмоишгоҳи нанотехнологии Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳ, таъсиси филиали китобхонаи илмӣ дар Шаҳраки донишҷӯён ва ғайра ба вуқуъ пайвастанд, ки далели рушди минбаъдаи ДМТ мебошанд. Сатҳи иштироки олимони ҷавон ва донишҷӯёну магистрҳо дар таҳқиқотҳои илмӣ меафзояд.

Робитаи роҳбаронаи ректорони ДМТ бо коллективи устодон, донишҷӯён ва кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ, ҳамчун яке аз сохтори сершумор ва фаъоли Донишгоҳ ба таври анъанавӣ хеле гуногунҷабҳа ва боварибахш аст. Дар ҳамаи самтҳои кори Донишгоҳ кормандони факултет хеле фаъол буда, дар пешравии фаъолияти он ҳиссаи сазовор доранд. Хусусан, аҳли кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ дар таҳқиқи нақши Конститутсия дар низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, роҳу воситаҳои такмил додан ва боз ҳам мукаммал намудани қонунҳо, рушди ҳуқуқ ва низоми интихобот, тантанаи усулҳои асосии он, амалӣ намудани шаклу воситаҳои соҳибихтиёрии ҳалқ, соҳибихтиёрии давлат, истиқлолият, тамомияти арзии давлат, таъмини устувории ваҳдати миллӣ, тарзи таъсис ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ ва тайёр кардани кадрҳои ихтисосманд ва афзудани шумораи олимон ҳиссаи калон доранд.

Дар арафаи ҷашни фархундаи 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо боварии комил қайд кардан лозим аст, ки ДМТ ҳамчун рамзи маориф ва илму маърифати ҷумҳурӣ минбаъд ҳам дар устувор гардонидани давлатдории соҳибистиқлоли Тоҷикистон, мустаҳкам кардани заминаҳои илмии асосҳои сохтори конститутсионии он саҳми босазо мегузорад. Ба ҳамаи аҳли устодон, шогирдон ва кормандони ДМТ ҷашнвораи кабирро муборак мегӯям ва таманнои амалӣ шудани орзую ормонҳои хуш ва ба қадамгоҳи азизон – Донишгоҳи миллӣ вуҷуди баркамоли ҳазорӣро хоҳонам.

# АМНИЯТИ ИТТИЛОТӢ:

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМ ВА ТАЪМИНИ ОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ





Ҷурабек ҚОДИРОВ
дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ

*Дар шароити ҷаҳонишавӣ, муборизаи давлатҳои абарқудрат барои мавқеи геополитикӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, зарурати нигоҳдорӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот ва таъмини амнияти иттилоотӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро ташкил менамоянд. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун рӯйдоди муҳими геополитикӣ боиси ба даст овардани соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида бошад ҳам, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мутаассифона Тоҷикистон натавонист фазои иттилоотии худро аз таъсиррасонӣ ва хуҷумҳои беруна пурра ҳимоя намояд, ки дар натиҷа бо роҳу воситаҳои гуногун идеологияи бегонаи ба сохти давлатӣ ва арзишҳои миллии мо номувофиқ ба сохторҳои гуногуни ҷомеа ворид карда шуданд. Танҳо дар ибтидои солҳои 2000-ум Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист бо қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи иттилоот ба таъмини амнияти иттилоотӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкили дурусти раванди идоракунии давлатӣ дар ин самт ноил шавад. Дар замони муосир сиёсати давлат дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ ба рукни асосии таъмини амнияти миллӣ табдил ёфта андешидани чораҳои таъхирнопазирро дар ин самт тақозо менамояд, зеро бидуни мавҷудияти амнияти иттилоотӣ таъмини амнияти миллӣ имконнопазир аст.*

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «иттилоот»-ро маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо ва фаъолияти иттилоотиро маҷмуи амалиёт барои қонеъ гардонидани эхтиёҷоти иттилоотии субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ муқаррар намудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» меъёрҳои умумии ҳуқуқи гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани иттилоотро муқаррар менамояд, ҳуқуқи субъекти муносибатҳои иттилоотиро ба иттилоот дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин системаи иттилоот ва манбаъҳои онро таҳким бахшида, мақоми иштирокчиёни муносибатҳои иттилоотиро муайян мекунад, дастрас намудани иттилоотро танзим ва ҳифзи онро таъмин, шахсият ва ҷомеаро аз иттилооти бардурӯғ муҳофизат менамояд.

Амнияти иттилоотӣ бо таъмини самаранокии идоракунии давлатӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию таҳлилии муосир дар дастгирӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ, ҳамзамон рушди устувори иқтисодӣ, афзалиятнокии манфиатҳои давлатӣ ва амнияти миллӣ асос мёебад.

Бояд қайд намуд, ки дар шароити имрӯза заминаҳои ҳуқуқии таъмини амнияти иттилоотиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи имзои электронии рақамӣ», «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи сертификатсияи воситаҳои ҳифзи иттилоот тибқи талаботи амнияти иттилоотӣ, аттестатсияи объектҳои иттилоотонӣ, тартиби бақайдгирии давлатии онҳо», «Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил менамоянд.

Санадҳои зикргардида сиёсати давлатии иттилоотиро маҷмуи тадбирҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ташкилии давлат муқаррар намудаанд, ки ҳадафи он таъмини ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон барои дастрасӣ ба иттилоот мебошад. Он манфиатҳои шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ ва сохторҳои тиҷоратиро инъикос менамоянд ва ба инобат мегирад.

Ҳамзамон санадҳои зикршуда бо мақсади таъмини амнияти иттилоотӣ чунин самтҳои муҳими сиёсати давлатии иттилоотиро, ки аз:

– ташкил, рушд ва таъмини амнияти захираҳои давлатии иттилоотӣ;

– истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ ва дар идораи системаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғайра;

– дастгирӣ ва такмили нуфузи иттилоотии Тоҷикистон бо роҳи истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ;

– ҳифзи манфиатҳои иттилоотии давлат, дифоъ аз ҳамлаҳои иттилоотӣ, таҳдидҳо ва амалиёти дигар, бартарафсозии онҳо;

– воридшавӣ ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ иборатанд, муқаррар намудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар шароити имрӯза ташкили механизми самаранок ва такмили идоракунии давлатии захираҳои иттилоотӣ, таъмини талаботи иттилоотии шахсон ва ҷомеа, ташкили заминаҳои иттилоотии рушди босубот ва устувори Тоҷикистон вазифаҳои афзалиятноки давлат дар ин самт мебошанд. Низоми амнияти иттилоотӣ ба таъмини нигоҳ доштани сирри давлатӣ ва дигар сирҳои бо қонун ҳифзшаванда, ҳимояи захираҳои иттилоотӣ ва инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионӣ аз таъсири иттилоотие, ки барои амнияти давлатӣ хатарнок мебошанд, равона карда мешавад.

Ҳифзи иттилоот бо роҳҳои аз тарафи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ риоя намудани меъёрҳо, талабот ва қоидаҳои хусусияти ташкилӣ ва техникидошта оид ба ҳифзи иттилоот, истифодаи воситаҳои техникаи ҳисоббарор, таъмини барномавӣ ва дастгоҳӣ ва умуман воситаҳои ҳифз, ки ба талаботи муқарраршуда оид ба ҳифзи иттилоот ҷавобгӯ мебошанд, инчунин бо ба ҷо овардани назорати ҳифзи иттилоот таъмин карда мешавад.

Масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ ҳамзамон ҳимояи ҷомеа ва шаҳрвандон аз таҳдидҳо вобаста бо эҳтимоли истифодаи технологияҳои иттилоотии нав аҳамияти аввалиндараҷа касб намуда дар ин замина тахия ва такмили пайвастаи қонунгузорӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ ташкилии танзими муассири муносибатҳои ҳамаи субъектон ҳангоми татбиқи ҳуқуқи иттилоотии онҳо ва ташкили низоми назорати мустақил ва робита бо аҳолиро тақозо менамояд.

Татбиқи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина амалисозии амнияти иттилоотӣ, имкониятҳои навро ба мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ ҷиҳати мунтазам ба аҳолӣ расонидани иттилоот оид ба ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, марказҳои матбуотӣ, марказҳои робитаҳои ҷамъиятӣ ва ғайра фароҳам хоҳад овард.

Дар марҳилаи кунунии рушди давлатдории миллӣ иттилоот яке аз нерӯҳои истеҳсолии асосӣ ва манбаи ҳаётан муҳими рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа ба ҳисоб рафта, Ҷумҳурии Тоҷикистон захираю низомҳои иттилоотии худиро барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ва эъмори давлати демократии ҳуқуқбунёд истифода мебарад. Дар ин замина ташаккул ва рушди фазои ягонаи иттилоотӣ ҳамчун шарти зарурии таъмини ваҳдати сиёсӣ ва маънавии аҳолии Тоҷикистон ва дохилшавии он ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ бамавод менамояд.

# ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ: 75 ЛЕТ РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ И ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО ПРЕВОСХОДСТВА

*Таджикский национальный университет - это учебное заведение, которая имеет 75-летнюю историю успешно сочетает традиции и инновации в образовательном процессе. Университет предлагает широкий спектр образовательных программ, включая гуманитарные, естественнонаучные, социальные и технические направления, что позволяет студентам выбрать наиболее подходящую специализацию для своих интересов и потребностей.*



Умед МУРОДЗОДА
ассистент кафедры
конституционного права

Одной из особенностей Таджикского национального университета является высокий уровень преподавательского состава. Профессора и преподаватели университета - это высококвалифицированные и опытные специалисты, обладающие академическими званиями и достижениями в своих областях. Они не только передают знания, но и вдохновляют студентов на исследования, творчество и развитие.

Таджикский национальный университет активно развивает научно-исследовательскую деятельность и научно-технический потенциал. В университете работает ряд научных институтов и лабораторий, где проводятся интересные и полезные исследования в различных областях науки и технологий. Студенты имеют возможность участвовать в научных проектах и получить ценный практический опыт.




Важным аспектом успеха Таджикского национального университета является его инфраструктура и современные учебные помещения. Университет обладает современными аудиториями, лабораториями, библиотекой, компьютерными классами и другими учебными ресурсами, обеспечивая комфортную и эффективную учебную среду для студентов.

Таджикский национальный университет также предлагает студентам различные возможности для развития и самореализации во время учебы. В университете функционируют клубы и организации, посвященные спорту, культуре, искусству, науке и другим областям интересов. Студенты могут принимать участие в спортивных соревнованиях, творческих конкурсах, научных конференциях и других мероприятиях, что помогает им раскрыть свой потенциал и укрепить навыки вне учебной сферы.

Важно отметить, что Таджикский национальный университет придает большое значение развитию межличностных навыков и лидерских качеств у своих студентов. В университете проводятся тренинги, семинары и мастер-классы, направленные на развитие коммуникационных, руководящих и коллаборативных навыков. Это помогает студентам стать успешными профессионалами и активными участниками общества.

Таджикский национальный университет является источником гордости для Таджикистана. Он играет важную роль в развитии страны, обеспечивая качественное образование и формируя новое поколение интеллектуалов, способных преодолевать вызовы современности и вносить значимый вклад в научные и социальные сферы.

Если вы заинтересованы в получении высшего образования в Таджикистане, Таджикский национальный университет будет отличным выбором. Он предлагает сильную академическую базу, разнообразие специальностей, высококвалифицированный преподавательский состав и множество возможностей для развития как профессионала и личности.

Сегодня лучшему университету страны исполнилось 75 лет и за все эти десятилетия Таджикский национальный университет продолжал быть фортепианной силой в развитии образования в Таджикистане.

# УНИВЕРСИТЕТ: 75 ЛЕТ АКАДЕМИЧЕСКОГО ПРЕВОСХОДСТВА И ИННОВАЦИЙ

*В этом году наш университет отмечает свой 75-летний юбилей, и это значимое событие в истории нашего образовательного учреждения. За прошедшие столетия университет стал одним из ведущих центров образования и научных исследований, привлекая студентов и ученых со всего мира.*



Бобошохзода Шохимардон
студент 2-го курса

Одной из главных ценностей нашего университета является академическое превосходство. Мы стремимся к обеспечению высокого уровня образования и научных исследований, чтобы подготовить наших студентов к успешной карьере и вносить вклад в развитие общества. Профессорский состав университета состоит из выдающихся специалистов в своих областях, которые активно вовлечены в научные исследования и инновационные проекты.

Важной частью нашего университета является его научная деятельность. Мы гордимся нашими научными достижениями и вкладом в различные области знания. Наши ученые проводят исследования по различным проблемам, включая медицину, экологию, информационные технологии, социальные науки и многое другое. Мы также активно сотрудничаем с другими университетами и научными институтами, чтобы расширить границы знаний и преодолеть глобальные вызовы.

В течение своей 75-летней истории университет прошел через множество перемен и вызовов. Мы столкнулись с войнами, экономическими кризисами и социальными изменениями, но всегда оставались верными своей миссии образования и научных исследований. Мы гордимся нашими выпускниками, которые стали лидерами в различных сферах деятельности и вносят значительный вклад в общество.

В этот юбилейный год мы отмечаем не только нашу историю, но и смотрим в будущее. Мы стремимся продолжать развиваться и инновационно подходить к образованию и научным исследованиям. Мы хотим продолжать привлекать талантливых студентов и ученых, чтобы создать еще более успешное и благоприятное образовательное сообщество.

75 лет академического превосходства и инноваций - это не только повод для празднования, но и мотивация для дальнейших достижений. Мы гордимся нашим университетом и рады быть его частью. Поздравляем всех студентов, преподавателей, сотрудников и выпускников с этим знаменательным юбилеем!

# 75 СОЛИ МАЪРИФАТПАРВАРИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Боиси сарфарозӣ аст, ки дар рӯзҳои таҷлили ҷашни солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дурнамои рушди кишвари азизи моро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ дар худ инъикос намудааст, 75-умин солгарди таъсисёбии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо шукргузорӣ аз давлони Истиқлолияти давлатӣ ва сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои ваҳдату созандагӣ ҷашн мегирем.*

Бо дарки муҳиммияти омода кардани мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат ва рушди илму маърифат дар кишвар 75 сол пеш ДМТ таъсис дода шуд. Дар заминаи таҳлилҳои асосноки масири бунёд ва рушди таърихи 75-солаи Донишгоҳ, метавон бо ифтихор ин марҳилаи таърихиро ҳамчун 75 соли фаъолияти пурмаҳсул ва созандагию бунёдкорӣ баҳогузорӣ намуд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ДМТ дар микёси ҷумҳурӣ аз муҳимтарин марказҳои тарбияи мутахассисони соҳаҳои мухталифи хоҷагӣ ба шумор рафта, саҳми он дар омода кардани мутахассисони лаёқатманд ва анҷом додани корҳои арзишманди илмӣ-таҳқиқотӣ беназир аст. Дар ин масири фаъолияти худ ДМТ ба яке аз маконҳои муқаддаси илму таълим, кохи муҳташам ва бузурги илму маърифат табдил ёфт.

Ёдовар бояд шуд, ки ДМТ зодаи замони шуравӣ бошад ҳам, рушду пешрафти асосии он ба замони Истиқлолияти давлатӣ рост меояд. Зеро, Истиқлолияти давлатӣ барои рушди илму таҳсилот имкониятҳоеро фароҳам овард, ки қаблан тасаввурнопазир маҳсуб меёфт.

Бо ёдоварӣ аз дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ зикри ин нукта муҳим аст, ки олимону омӯзгорони Донишгоҳи миллӣ, аз ҷумла, омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамеша дар таҳқиқоти илмӣ ва барномаҳои тадрисии хеш арзишҳои истиқлолиятро пайгирӣ менамоянд ва бо камоли ифтихор иброз медорем, ки омӯзгорону хатмкунандагони он аз татбиққунандагони фаъоли сиёсати илмиву таълимии Ҳукумати мамлакат буданду ҳастанд.

Тавре ки зикр гардид, ДМТ аз замони таъсис то ба ҳол дар самти омода намудани мутахассисони соҳа мавқеи аввалро доро буда, хизматҳои омӯзгорони ин боргоҳи илму хирад аз ҷониби Ҳукумати кишвар пайваста қадршиносӣ мегарданд.

Бояд ёдовар шуд, ки яке аз сохторҳои ДМТ факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб рафта, барои амалӣ гардидани мақсаду мароми дар назди худ гузоштаи Донишгоҳ ва роҳбарияти он талошҳои пайвастаро анҷом дода, дар баланд гардидани нуфузу эътибори ин махзани маърифат устодони факултет саҳми беандозаи худро мегузоранд. Ин ҷо месазад номи неку пуршарафи як зумра чеҳраҳои илми ҳуқуқшиносиро зикр кард, ки маҳз аз баракати меҳнати аҳлонаашон бо мукофотҳои гуногуни давлатӣ сарфароз гардонида шудаанд.



Парвон МИРЗОЗОДА
декани факултети ҳуқуқшиносӣ
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Чунончи аз факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо унвони ифтихории «Ходими хизматнишондодаи илми ҶШС Тоҷикистон»: С.А. Раҷабов, В.А. Ойгензихт; «Ходими хизматнишондодаи илму техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»: О.У.Усмонов, Ф.Т. Тоҳиров, Ш.М. Исмоилов; «Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон»: З.М. Ализода, Ш.М. Менглиев, Т. Шарипов, М.З. Раҳимзода; «Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»: А. Имомов, Н. Абдуллоев, Ҷ.С. Орифов, Ҳ.С. Салимов, Р.Ҷ. Ҷаборов, Ш. Тағойназаров, С. Шаропов, Х.Ҳ. Ҳамидов, С.Ҳ. Ҳасанов, Б.Т. Худоёрзода; «Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»: З.Д. Ямоқова, К.Н. Холиқов, Ш.К. Ғаюрзода ва бо медали «Хизмати шоиста»: З.Ҳ. Искандаров, С.Э. Бахриддинзода, А.Д. Ғафурзода, У.А. Азиззода, И.Т. Маҳмудов, Ғ.М. Бобокалонов, Н.Н. Фозилов ва ғайра сарфароз гардонида шудаанд.

Дастовардҳои зикршуда самараи фаъолияти пурмаҳсул, нақшгузорӣ дар татбиқи сиёсати давлат, иҷрои бенуқсони вазифа, бо дасту дили гарм амал кардан, заҳматҳои шабонарӯзӣ кашидан барои пешрафти илму таълим дар мамлакат дониста мешавад.

Дар чунин лаҳзаҳои таърихӣ ва хотирмон мехостам ҳайати устодону шогирдон ва кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба муносибати таҷлили 75-умин солгарди таъсисёбии ин махзани маърифатпарварӣ самимона табрик намуда, барояшон саломативу хушрӯзӣ, ҳаёти осоиштаву пурсаодат, комёбӣ дар ҷодаҳои илму маърифат таманно намоям.



# ОИНИ ГИРОМИДОШТИ 75-УМИН СОЛРӮЗИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛӢ ҲУМОЮН БОД!



**Шариф ТАҒОЙНАЗАРОВ**
**профессори кафедраи ҳуқуқи мадании**

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба унвони ниҳоди тарбият ва таълими инсонӣ дар рушду такомули сармояии иҷтимоиву маънавии Ватани маҳбубамон нақши арзанда гузоштааст. Донишгоҳи миллӣ масири басо пуршараф ва ифтихорофареро дар тӯли 75 сол тай намуда, ба як махзани бузурги илму маърифат мубаддал гаштааст. Донишмандони ин боргоҳи илму хирад дар таълиму тарбия ва ба камол расонидани ҷавонон дар рӯҳияи хештаншиносӣ, масъулиятшиносӣ, инсонмеҳварӣ, ватандӯстӣ ва меҳанпарварӣ нақши арзанда доранд.

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, дар ҷумҳурӣ сол то сол шумораи донишгоҳу донишкадаҳо, академияҳо, колеҷҳо ва ғайра зиёд шудаистодаанд, ки дар ин радиф, Донишгоҳи миллӣ дар ҷойи бартар қарор дошта, мавқеи он дар таъмини сиёсати кадрии кишвар ва ба камол расонидани шогирдон, таълиму тарбия ва муаррифии илму маорифи ватанӣ бузург аст.

Ифтихормандам, ки тақдири банда тайи 64 сол боз бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гиреҳ хурдааст. Соли 1959 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии ин донишгоҳи бонуфӯз дохил шудам ва соли 1964 бо дипломи аъло онро хатм намудам. Меҳру муҳаббат ва иштиёқи банда ба илм ва тарбияву таълим боис бар он шуд, ки фаъолияти кориямро дар ин донишгоҳ аз факултети ҳуқуқшиносӣ оғоз намоям.

Қобили зикр аст, ки Донишгоҳи миллӣ дар солҳои Истиқлоли давлатӣ дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯз аз рӯз дар самтҳои таълиму тарбия ва илм рӯ ба пешравӣ дорад. Ҳузурёбии пайдарпайи роҳбари давлат ба Донишгоҳи миллӣ нишон аз ҳусни таваҷҷуҳи вижаи роҳбарияти олии кишвар ба донишгоҳамон буда, масъулияти устодон, олимон, муҳаққиқон ва кормандони донишгоҳро дучанд намуда, барои дар сатҳи баланд анҷом додани рисолати касбии омӯзгорӣ уҳдадор менамояд.

Дар шароити феълӣ, ки тағйирот дар ҷаҳон бо суръат рух медиҳад тамоми олимону устодон, масъулину кормандон ва муҳаққиқону унвонҷӯён, магистрону донишҷӯёни донишгоҳамонро водор менамояд, ки ҳарчи бештар самаранок фаъолият намоянд, то ДМТ ба интизороти рӯзафзун посухгӯ бошад.

Фаро расидани 75-умин солгарди таъсиси Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба роҳбарияти донишгоҳ, тамоми устодон, муҳаққиқон, кормандон ва донишҷӯёни арҷманд шодбош арз менамоям. Умедворам, тадовуми ҳаракати ин дурдонаи илму хирад дар масири тавсеаи фановарӣ ва навоварӣ ҳамеша муваффақ ва ҷойгоҳи пурфурӯғи донишгоҳи азизамон дар чархи пуршитоби рушди илми кишвар поянда бошад.




# ФУНКЦИИ И РОЛЬ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОБЕСПЕЧЕНИИ И ЗАЩИТЫ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА

Осмысление сущности Конституции, её назначения в обществе и государстве должно носить конкретно исторический характер, основываться на обобщении исторического опыта конституционного развития Республики Таджикистан и опыта развития мирового конституционализма в целом. Конституция – это единая политика – правовой документ, каждая часть которого должна быть органически связана со всеми остальными. Это – нормативная модель организации жизни общества, охватывающая все его сферы и наиболее важные проявления.

Термин «конституция» (от латинского «constituio» - установление) зародился в Древнем Риме и использовался для обозначения указов римских императоров. В современном понимании конституции возникли в XVII в. как результат борьбы народных масс и буржуазии против феодализма. Конституция рассматривалась в качестве основного документа государства, призванного ограничить пределы государственной власти и обеспечить защиту прав и свобод личности. Первая Конституция появилась в 1787 г. в США. В 1791 г. была принята Конституция Франции, в 1793 г.- Польши. В самом общем виде конституцию можно определить как нормативно-правовой акт (совокупность нормативно-правовых актов), обладающий высшей юридической силой и регулирующий основы взаимоотношений человека и государства, устройство государства и организацию государственной власти. Сущность конституции состоит в том, что она выражает социальный компромисс или согласие, достигаемые в момент ее принятия различными социально-политическими силами по коренному вопросу, который она решает, - ограничение пределов вмешательства государства в жизнь общества и индивидов.

Конституция Республики Таджикистан - основной закон Таджикистана, принятая 6 ноября 1994 году и поправки вносились в 1999, 2003 и 2016 годах. Сущность конституции РТ заключается в воплощении в ней многовекового опыта, постепенно складывающихся традиций таджикского народа.

В науке конституционного права принято выделять юридическую, политическую и идеологическую функции конституции.

Юридическая функция заключается в том, что конституция является основным источником права, содержащим исходные начала для всей правовой системы.

Политическая функция состоит в том, что конституция устанавливает основы организации государственной власти, основы взаимоотношений государства личности, определяет принципы функционирования политической системы в целом.

Идеологическая функция проявляется в способности конституции оказывать влияние на духовную жизнь общества путем распространения и утверждения определенных политических и правовых идей, представлений и ценностей.

В соответствии со статьей 14 Конституции Республики Таджикистан, права и свободы человека и гражданина осуществляются непосредственно. Они определяют цели, содержание и применение законов, деятельность законодательной, исполнительной властей, местных органов государственной власти и самоуправления и обеспечиваются судебной властью.

Права человека – важнейший институт Конституционного права, призванный обеспечить достойную жизнь человека и гражданина, условия его свободной деятельности жизни. Права человека в юридическом значении означают возможность его обладателя совершать незапрещённые Конституцией и основанными на ней законами определённых действий.

Соответственно, конституционные права и свободы – это закреплённые в Конституции и гарантированные государством возможности, позволяющие каждому свободно и самостоятельно избирать вид и меру своего поведения, создавать и пользоваться предоставленными ему социальными благами как в личных, так и в общественных интересах.

Классификация прав и свобод человека и гражданина основывается на содержании Конституции и основ международно-правовых договоров в области прав человека.

Правам, свободам, основным обязанностям человека и гражданина посвящена глава 2 Конституции РТ. На основе данной главы в Таджикистане предпринимаются все меры по реализации конституционных прав граждан на охрану здоровья, свободное участие в культурной жизни общества, художественном, научном и техническом творчестве, пользоваться их достижениями, на образование, развитие массового спорта, физической культуры и туризма.



**Одилбек МАВЛОНАЗАРЗОДА**
**заведующий кафедрой предпринимательского и коммерческого права, доцент.**

# ТАДЖИКИСТАН – ГЕРМАНИЯ:

# ИСТОРИЯ РАЗВИТИЯ ДВУСТОРОННИХ ОТНОШЕНИЙ И ПЕРСПЕКТИВЫ МНОГОСТОРОННЕГО СОТРУДНИЧЕСТВА



*После обретения государственной независимости страны мира начали устанавливать дипломатические отношения с Таджикистаном. Среди них Федеративная Республика Германия, которая 28 февраля 1992 года стала первой страной Центральной Европы, признавшей независимость Таджикистана. ФРГ стала первым государством-членом ЕС, имеющим посольство в республике.*



Мавджуда БОБОЕВА
доцент кафедры иностранных языков



Зулайхо ШАРИПОВА
доцент кафедры иностранных языков

С первых лет государственной независимости Таджикистана обе страны стремились к восстановлению, расширению и укреплению межгосударственных отношений. Процесс установления двусторонних отношений между Таджикистаном и Германией проходил в весьма сложное для Таджикистана время, этот период истории таджикско-германского партнёрства был временем поиска, выявления общих интересов. Постепенно готовился фундамент для строительства планомерного двустороннего сотрудничества во всех сферах жизнедеятельности между Таджикистаном и Германией. После подписания в Республике Таджикистан Соглашения о мире и национальном согласии в двусторонних отношениях РТ и ФРГ произошли позитивные изменения, а политический, экономический и культурный диалог двух стран вышел на новый этап. За небольшой исторический промежуток времени государства в своих взаимоотношениях достигли значительных результатов.

Следует отметить, что ещё до восстановления двусторонних дипломатических отношений между Таджикистаном и Германией народы обеих стран связывали узы дружбы и сотрудничества.

В советские времена в Таджикистан были переселены десятки тысяч этнических немцев, в основном, в Вахшскую долину, районы северного Таджикистана. К 1950-м годам на территории Таджикистана оказалось более 28 тысяч немцев. На севере республики появились целые немецкие поселения. Советские немцы, проживавшие в Таджикистане, внесли определенный вклад в развитие экономики, науки и культуры республики. Особенно в послевоенные годы Великой отечественной войны они принимали самое деятельное участие в строительстве Варзобских ГЭС-2 и ГЭС-3. Всей республике было известно имя руководителя бригады монтажников В. Ригеля на строительстве второй очереди Душанбинского текстильного комбината. Тысячи немцев, проживавших в республике, были награждены орденами и медалями за самоотверженный труд. Так, одной из первых в Таджикистане в послевоенный период звание Героя Социалистического Труда было присвоено бригадиру хлопководческой бригады Марте Соммер — за высокие достижения в выращивании и сборе тонковолокнистого хлопка.



Первые шаги независимому Таджикистану давались очень тяжело. К сложным экономическим проблемам, которые появились у государства с распадом СССР, добавилась и внутренняя политическая борьба. Кроме того, суверенный Таджикистан стоял перед острой необходимостью принятия собственной Конституции. Для подготовки нового проекта Конституции Таджикистана были созданы две комиссии: первая в августе 1990 года, вторая в феврале 1992 года. В июне 1993 года Верховный Совет утвердил состав Комиссии по подготовке проекта нового текста Конституции. Председателем комиссии был утвержден Эмомали Рахмонов, на тот момент председатель Верховного Совета. В состав комиссии вошли государственные и политические деятели, представители всех регионов страны, политических партий, общественных организаций, национальных общин. В разработку новой конституции значительный вклад внесли специалисты в области юриспруденции, такие как Имомов А.И., Исмоилов Ш.М., Ализода З., Хомидов Х.Х. С целью ознакомления и изучения механизма принятия конституции таджикские специалисты посетили ряд европейских стран, в том числе и Германию. После восстановления национального единства в Таджикистане Германия помогла стране в процессе укрепления мира и восстановления послевоенной экономики.

С 2003 года партнерство между странами в сфере экономического развития укрепляется. Ежегодно проводятся межправительственные переговоры в Душанбе и Берлине. В рамках этого сотрудничества в партнерстве были построены или отремонтированы сотни начальных школ, больниц и медицинских центров.

29 сентября 2023 года в Берлине состоялся первый саммит лидеров стран Центральной Азии (Казахстан, Кыргызстан, Таджикистан, Туркменистан, Узбекистан) и Германии в новом формате «C5 + Германия». На саммите главы государств обсудили перспективы расширения торгово-экономического и культурно-гуманитарного сотрудничества, развития «зелёной» энергетики и адаптации к изменениям климата, вопросы охраны природных ресурсов и окружающей среды, а также совместные усилия в области обеспечения стабильного и устойчивого регионального развития.

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон выступая на этом саммите, выразил уверенность, что "результаты данной встречи будут способствовать дальнейшему укреплению сотрудничества". Было отмечено, что "Таджикистан и страны региона прилагают совместные усилия для углубления регионального сотрудничества в различных сферах экономики, в том числе в сфере водообеспечения и энергетики, промышленности, транспорта и коммуникаций".

На фоне активизации таджикско-германского сотрудничества растёт интерес граждан к изучению немецкого языка, образованию в Германии. Так, в Таджикском национальном университете, Российско-Таджикском (Славянском) университете, Таджикском педагогическом университете, в Таджикском международном университете иностранных языков функционируют отделения по изучению немецкого языка.

Современные тенденции во взаимоотношениях двух стран дают основания предполагать, что в перспективе эти взаимоотношения между государствами будут крепнуть. Сейчас разрабатываются новые взаимовыгодные экономические, социальные, культурные, образовательные, научные проекты между РТ и ФРГ.

# КОНСТИТУТСИЯ – ШОҲСУТУНИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ

*Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳти роҳбарии бевоситаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароити басо мураккаби таърихӣ қабул гардид, бузургтарин дастоварди миллати соҳибтамаддуни тоҷик маҳсуб меёбад. Ин қонуни асосӣ ҳамчун санади тақдирсози миллати куҳанбунёди тоҷикони тамоми дунё барои миллати мо давлати дар низоми демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро ба ҷо гузошт.*



Шоқулова Сафаргул
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

Дар заминаи Конститутсия адолати ҳуқуқӣ, яъне волояти ҳуқуқ, ки тартиботи давлатӣ ва муносибати давлатро бо ҷомеа дар замири эътирофу эҳтироми манфиатҳо таъмин менамояд, устувор гардида, пойдории адолати иҷтимоӣ мақсаду мароми тамоми мақомоти давлатӣ ва махсусан ҷомеаи шаҳрвандӣ гардид.

Бешубҳа, қабули Конститутсияи кишвар ислоҳоти ҳуқуқиро ба миён овард ва нахустин санади танзимкунандаи тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд омад. Ин санади таърихӣ манфиатҳои миллати тамаддунофари тоҷикро дар худ инъикос намудааст. Ин санад аз конститутсияҳои қаблии кишвар тафовут дорад. Аз ин рӯ, арзиши Конститутсияи имрӯза дар пойдории давлати мустақили мо беҳамто мебошад. Ин санад аз ҷониби халқи дорои фарҳанги волои бостонӣ бо дарки баланди масъулиятпазирӣ қабул гардидааст.

Дар Конститутсияи кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу дунявӣ эътироф гардида, халқро сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ донистааст. Муҳимтар аз ҳама ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар сатҳи олӣ қарор додааст. Ин меъёр меъёри умумиэътирофшудаи ҷомеаи башарӣ буда, дар санадҳои муҳими байналмилалӣ таҷассуми худро ёфтааст.




Метавон қайд намуд, ки Конститутсияи кишвар на танҳо ифодакунандаи суннатҳои миллӣ, илова бар ин зери ҳимояи давлат, мақоми давлатӣ, шаҳрвандон ҳизбҳои сиёсӣ қарор медиҳад. Дар натиҷа муносибати давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миён меояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариши кишвар ба ҷомеаи шаҳрвандӣ қабул гардид. Бунёди ин ҷомеа унсури таркибии раванди умумии пешрафти тамаддуни инсонӣ аст. Тоҷикистон ҳоло имконияти истифодаи васеи таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳониро дар ин соҳа дорад. Қабули саривақтии қонун ва мутобиқ сохтани он ба тағйироти ба вуҷудомада-кафолати зарурии инкишофи таърихӣ, нишони рушди ҳуқуқ маҳсуб меёбад. Дар ин вазият ҳуқуқ нақши муҳим касб намуда, заминаи пешрафти ҷомеа мегардад ва ба беҳбудии ҳаёти одамон хубтар мусоидат менамояд. Ҳаёти инсоният доимо пеш меравад ва таърих шоҳиди болоравии инсон мебошад. Ҳуқуқ низ дар баробари инкишофи ҷамъият дигаргун мешавад ва лозим мешавад то ба меъёрҳои тағйирот ворид намоем.

Бо пешрафти ҷамъият ва ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави давлатдорӣ зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни асосии кишвар ба миён омад. Тавассути райъпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи кишвар се маротиба тағйиру иловаҳо ворид гардидаанд, ки ин ҳама баҳри пешрафти ҷомеаи шаҳрвандӣ фаҳмида мешавад.

Сулҳу ваҳдат ганҷи бебаҳо буда, ҳифз намудану пойдор нигоҳ доштани он вазифаи ҳаётан муҳими ҳар як сокини мамлакат ба ҳисоб меравад, махсусан ҷавонони даврони истиқлолият ин масъулияти бузургро ба уҳда доранд, зеро ҷавонон меваҳои даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб ёфта, аз неъмати сулҳу ваҳдат фараҳманд гардидаанд ва дар чунин як шароит ба воя расида истодаанд.

Қабули Конститутсияи кишвар метавонад барои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат аз қабили таъмини истиқлолияти озуқаворӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти комуникатсионӣ ва саноатикунонии мамлакат таъсиргузор бошад.

# РАЗМЫШЛЕНИЯ О КОНСТИТУЦИОННЫХ ЦЕННОСТЯХ



Мадина ХАЛИМОВА
студентка 3-го курса

*День Конституции Республики Таджикистана – это праздник, который отмечается ежегодно 6 ноября. Конституция суверенного Таджикистана является основным законодательным актом, определяющим принципы государственного устройства, права и свободы граждан, а также организацию и функционирование государственных органов в Республике Таджикистан. Процесс принятия Конституции был важным этапом в истории страны и связан с периодом политических и социальных изменений.*

Конституция независимого Таджикистана была принята 6 ноября 1994 года, во время политической нестабильности. Конституция была принята в результате референдума. В последующие годы после её принятия Конституция Таджикистана была три раза изменена и дополнена, 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года. Изменения вносились с учетом изменяющейся политической и социальной ситуации в стране, а также для усовершенствования государственных структур и обеспечения соблюдения прав и свобод граждан.

Основные конституционные ценности Таджикистана отражаются в его Конституции, которая определяет основы государственного устройства, права и обязанности граждан, а также принципы функционирования государственных органов.

1. Суверенность и независимость: Одной из основных конституционных ценностей Таджикистана является его суверенность и независимость. Конституция гарантирует и обеспечивает независимость страны и ее право на определение своего политического, экономического и социального развития. Будучи суверенным государством, Таджикистан активно участвует в различных международных мероприятиях и инициативах, укрепляя дипломатические связи и продвигая региональное сотрудничество для защиты своих интересов и содействия глобальной стабильности.

2. Государственная демократия: Конституция Таджикистана признаёт и придерживается нескольких принципов демократии, включая многопартийная система, позволяющая существовать и участвовать различным политическим партиям. Государством гарантируется защита прав и свобод граждан. Правительство действует через 3 ветви власти исполнительную, законодательную и судебную, которые имеют различные функции и обязанности. Эта система обеспечивает механизм сдержек и противовесов, предотвращающий концентрацию власти в одном органе власти.

3. Защита права и свободы человека и гражданина: Глава 2 Конституции Республики Таджикистана признает неприкосновенность и нерушимость прав и свобод человека и гражданина. Это включает право на жизнь (статья 18), свободу личности, свободу совести и вероисповедания (статья 26), свободу слова и выражения (статья 30), равенство перед законом (статья 17) и другие основные права. Эти права являются основой демократии и образованного общества.

4. Конституционно-правовая государственность: Конституция Таджикистана гарантирует принцип конституционной правовой государственности, что означает, что все органы государственной власти и граждане должны действовать в соответствии с законом и защищать конституционные права и свободы. Конституция Республики Таджикистан устанавливает систему правления с разделением властей. В нем излагаются роли и обязанности законодательной, исполнительной и судебной ветвей власти, обеспечивая систему сдержек и противовесов.

5. Национальное единство и межнациональное согласие: Согласно Конституции Республики Таджикистан, национальное единство и межэтническое согласие являются основополагающими принципами, способствующими созданию сильного и сплоченного общества. Конституция Республики Таджикистан закрепляет национальное единство и межэтническое согласие как основополагающие принципы.

6. Социальная справедливость и благополучие: Социальная справедливость и благополучие являются важными конституционными ценностями Республики Таджикистан и отражены в Конституции. Конституция признает необходимость обеспечения равных возможностей для всех граждан страны, социальной защиты и доступа к основным социальным благам. Конституция Республики Таджикистана гарантирует равные возможности для всех граждан в области образования (статья 41), здравоохранения (стать 38), труда (статья 35) и других сферах.

Это лишь некоторые из основных конституционных ценностей, которые отражены в Конституции Республики Таджикистан. Эти ценности служат основой для развития законодательства и политических реформ, также подтверждают важность гарантирования прав и свобод каждого человека и гражданина в Республике Таджикистан.

# ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСТИТЕТ



Окилова Снежелана
студентка 3-го курса

75-летие нашего университета знаменует собой важную веху в истории нашего вуза. За последние семь с половиной десятилетий наш университет рос и развивался, формируя жизнь бесчисленного количества студентов, преподавателей и сотрудников.




Впервые занятия в Таджикском национальном (государственном) университете начались с 1 сентября 1948 года в здании Душанбинского Государственного Педагогического Института им. Шевченко.

Сегодня Таджикский национальный университет предлагает широкий спектр программ бакалавриата и магистратуры. В Таджикском национальном университете образовательная деятельность налажена на 19 факультетах. Он остается ведущим учреждением в Таджикистане, содействуя академическому прогрессу и внося свой вклад в образовательный и исследовательский ландшафт страны.

За прошедшие годы наш университет добился выдающихся достижений. Он взращивал таланты, выпуская выпускников, которые внесли значительный вклад в различные области. Их истории успеха являются свидетельством приверженности университета воспитанию всесторонне развитых людей.

Своим успехам ТНУ обязан высококвалифицированному профессорско-преподавательскому составу, которыми по праву гордится.

# ТАЪСИРИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ



Марадона
донишҷӯи соли 4

Интернет дастоварди бузурги инсоният мебошад. Дар шароити имрӯза, он ба сифати воситаи асосии иттилоърасон дар ҷаҳон баромад мекунад. Бояд гуфт, ки ҳар пешрафте, ки инсон ба он ноил мегардад, ҷанбаҳои мусбату манфӣ дорад ва интернет низ, истисно нест.

Барои робитаи байни инсонҳо интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ масоҳат ва сарҳадро аз байн бурдаанд.



Шабакаҳои иҷтимои дар интернет имкон медиҳанд, ки ҷавонон ба гурӯҳҳои илмӣ – фарҳангӣ, аз қабили химия, физика, мусиқӣ, тиб, адабиёт ва ғайра аъзо шуда, талаботи маънавиашонро қонеъ намоянд.

Дохилшавии ҷавонон ба донишгоҳҳои кишварҳои дигар, ёфтани ҷойи кор тавассути рекламаҳо низ аз муфид будани Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дарак медиҳанд. Номгӯйи чунин хосиятҳои мусбати Интернет зиёданд. Аммо, дар баробари ин, шабакаҳои иҷтимоӣ як қатор проблемаҳои ҷиддиро низ ба бор оварда, боиси ташвиш гардидаанд.

Тадқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки дар як рӯз 33,3% истифодабарандагон, махсусан, ҷавонон, аз 5 то 6 соат вақти худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузаронанд, ки хуб нест. Бо ин роҳ онҳо на танҳо вақт, балки ба саломатиашон ҳам зарба мезананд.

Бинобар ин, танзим намудан ва роҳҳои пастар намудани шиддати таъсири омилҳои дар боло зикр шуда зарурат ба миён меояд, ки воқеан волидайн аз меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ба таври васеътар истифода баранд. Ҳар як падару модар ба таълиму тарбияи фарзанд ҷиддӣ муносибат карда, раванди таълиму тарбия, аз ҷумла, назорати сатҳу сифати азбарнамоӣ ва донишандӯзии фарзандро зери назорат гирад.





# 75TH ANNIVERSARY OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

*Tajik National University is one of the oldest and most prestigious universities in Tajikistan. It was founded in accordance with the resolution of the Council of Ministers of the USSR dated March 21, 1947 and began functioning on September 1, 1948*

Tajik National University offers a wide range of educational programs in the humanities, natural sciences, social sciences, technical sciences, medicine and other fields. The university has various faculties and institutes, including the faculties of philology, history, law, medicine, science and technology and many others.

Tajik National University is known for its quality education, research and academic achievements. It is the center of the country's intellectual and cultural life. For 75 years, the university has graduated many highly qualified specialists in various fields who actively contribute to the development and prosperity of Tajikistan.



Saidova Mavluda
2nd year student



The 75th anniversary of the Tajik National University is a significant event and holiday for the entire university community, as well as for the country as a whole. It is a time to celebrate achievements, reminisce about the past and look to the future development of the university and its contribution to education and science in Tajikistan.



# НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА АҲАМИЯТИ ТАЪРИХИИ ИҶЛОСИЯИ XVI-УМИ ШУРОИ ОЛӢ ДАР РУШДУ ИНКИШОФИ НИЗОМИ ҲУҚУҚӢ-ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

*Дар таърихи давлатдории ҳар халқу миллат воқеаҳои нотакрор ва рӯзҳои фаромушнашаванда мавҷуд аст. Дар таърихи давлатдории тоҷикон, ки аз замони Ҳахоманишиён то Сомониёну давраи Истиқлоли давлатӣ дар назар дошта мешавад, ҳазорҳо дастовардҳо ва санаҳои таърихӣ мавҷуд аст. Масалан:*

– санаи 24 августи соли 1990 дар иҷлосияи дуюми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум, Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Шуравии сотсиалистии Тоҷикистон қабул гардид;

– санаи 31 августи соли 1991 Иҷлосияи Шурои Олии ҷумҳурӣ ба номи ҷумҳурӣ тағйирот ворид намуда, эълон кард, ки Ҷумҳурии Шуравии сотсиалистии Тоҷикистон минбаъд Ҷумҳурии Тоҷикистон номида шавад;

– санаи 4 сентябри соли 1991 пленуми кумитаи марказии ҳизби коммунистӣ Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсия намуд.

– санаи 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон расман давлати соҳибистиқлол эълон карда шуд.

– 2 марти соли 1992 аъзои комилҳуқуқи Созмони Миллали Муттаҳид гардид.

Аммо санаи 16 ноябри соли 1992, яъне баргузор гардидани Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ ва Раиси Шуро интихоб гардидани фарзанди фарзонаи миллат, шахси инсондӯст, бунёдгузори давлатдории навини тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон на танҳо санаи фаромӯшнашаванда, балки Иҷлосияи тақдирсоз ва пешвоӣ оияндасоз дар зеҳну шуури ҳар фарди ҷомеа ҷой гардида, чун чашни бузурги миллати тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, ҳамасола 16-уми ноябр якбора ду рӯйдоди муҳими тақдирсоз яке Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигаре баргузории Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ



**Саъдӣ ШАРИФЗОДА**
**дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ**

чашн гирифта мешавад, ки ин ду чашин бо ҳам тавъам буда, барои бунёди давлатдории миллӣ ва халқи Тоҷикистон аҳаммияти баръало бузург дорад, зеро низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии Тоҷикистон маҳз баъд аз баргузории Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ ва Раиси Шуро интихоб гардидани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаккулу инкишоф ёфта, ба дастовардҳои нодир дар ин самт ноил гардид.

**Бинобар ин, дар мақолаи мазкур чаҳор масъалаи муҳим мавриди баррасӣ ва таҳқиқот қарор гирифтааст:**

**1. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлатдории миллӣ;**

**2. Аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол;**

**3. Рушди инкишофи низоми ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол;**

**4. Рушди инкишофи низоми иқтисодии Тоҷикистони соҳибистиқлол.**

Таҳлили масъалаҳои зикршуда аз аҳамият холӣ нест, зеро пас аз пош хӯрдани иттиҳоди Шуравӣ ва коста шудани ҳокимияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1992-1997 дар таърихи худ душвортарин давр, ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид, ки он сабабҳои худро дошт. Барои хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, баргардонидани шаҳрвандони гуреза, сарҷамъ намудани халқи парокандашуда ва дар маҷмӯъ барқарор намудани сулҳу оромӣ шахсе зарур буд, ки ҷони худро фидо кунаду давлатро аз парокандашавӣ ва миллатро аз нестшавӣ наҷот диҳад.

Бинобар ин, аз 16-уми ноябри соли 2016 инҷониб мардуми шарафманди тоҷик ба хотири арҷгузорӣ ва эҳтиром ба мансаби олии давлатӣ – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун рамзи садоқат ба Ватан, Президент ва миллат рӯзи Президенти маҳбуби худро бошукӯҳ ҷашн мегиранд. Вокеан ҳам, кору пайкори ибратбахши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат шоистаи офаринҳо ва намунаи ибрат аст.

Илова бар ин, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Бо дарназардошти ин, нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи самтҳои рушди давлатдории миллии тоҷикон басо ҳам бузург мебошад, зеро вобаста ба корнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳазорҳо китоб, мақолаҳои илмӣ, асарҳо нашр гардидаву садҳо семинару, конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ баргузор гардидааст.

Баъд аз баргузории Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоб гардидани Раиси Шуро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давлату ҳукуматро зарур буд, ки пеш аз ҳама ба ду масъала диққати махсус диҳад. Яке мустаҳкам намудани низоми ҳуқуқӣ, гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ ва дуюм мустаҳкам намудани низоми иқтисодии кишвар ва фароҳам овардани шароити мусоит барои ҳар халқ.

Бинобар ин, дар ин давра як чанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 бо тариқи райъпурсию умумихалқӣ қабул гардид. Бо тариқи райъпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуну моҳияти ба худ хосро дорад, зеро тибқи м. 6-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, халқи Тоҷикистон баёнгари соҳибихтиёрӣ мебошад. Соҳибихтиёрии миллат чун пурраҳокимиятии миллат, имкони иштироки миллат дар ҳалли масъалаи муайян намудани шакли ҳаёти хеш, амалӣ намудани ҳуқуқ ба худмуайянсозӣ ва ташкили давлати миллии хеш арзёбӣ мешавад. Хуллас, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки дар он арзишҳои баланди иҷтимоии инсон ва ҳуқуқу озодияш, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон эълон гардида, талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ (адолат, поквиҷдонӣ, хираднокӣ, баробарӣ ва диг.) кафолат дода шуданд.

Тавре ки огоҳ ҳастем, баъди ба дастовардани Истиқлолияти давлатӣ дар сарзамини мо ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид, илова ба ин вазъи молиявии давлату ҳукумати мамлакат низ хеле хароб буд. Президенти кишвар Пешвои миллат дар баромадҳои худ таъкид мекунанд, ки мо давлату ҳукуматро аз сифр оғоз кардем, на бучаи давлатӣ ва низоми хуби идоракунӣ доштем. Бинобар ин, метавони гуфт, ин иҷлосия ва махсусан дастгирӣ ва роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки имрӯз низоми иқтисодии давлат ташаккулу инкишоф ёфт.

Сохтани роҳҳо, бунёди нерӯгоҳҳои обии баркӣ, донишгоҳу донишкадаҳо, муассисаҳои миёнаю томактабӣ, заводу корхонаҳо ва аз ҳама муҳим муайян ва амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии давлат аз қабили таъмини амнияти озуқаворӣ, таъмини Истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, саноатикунонии босуръати кишвар дастовардҳое мебошанд, ки натиҷаи ҳамин иҷлосия ва заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

# ВАЗЪИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА МАСОИЛИ ОБШАВИИ ПИРЯХҲО – МЕҲВАРИ ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



**Фазлиддин ШАРИФЗОДА**
**мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ**

Қобили зикр аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар мубоҳисаҳои умумии иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид, Вохӯрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сафари корӣ анҷом доданд.

Дар ҷараёни сафар Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоишҳои сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид иштирок ва суханронӣ карда, дар ҳошияи ин чорабиниҳо бо як қатор сарони давлатҳо масоили ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Тоҷикистон, мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дигари масъалаҳои мубрамро баррасӣ намуданд.

Қобили зикр аст, яке аз масъалаҳои муҳиму авлавиятдоштаро дар рӯзномаи иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид вазъи тағйирёбии иқлим ва масоили обшавии пиряхҳо фарогир аст, ки доир ба ин самти барои ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳим Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаббусу пешниҳодҳои глобалӣ мавқеи намоён ва шоистаро касб менамояд.

Пешвои муаззами миллат дар иҷлосияи 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид иштирок намуда, доир ба масъалаҳои мубрами ҳалталаб барои ҷомеаи ҷаҳонӣ, махсусан ҳолати тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳо баромад намуданд.

Аз ҷумла, Сарвари давлат доир ба масъалаҳои таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир, вазъи мураккаби сиёсии ҷаҳон ва таъсири онҳо ба иқтисоди кишварҳо, ташаккули "иқтисоди сабз", рушди тавлиди "энергияи сабз", мушкилоти глобалии сайёра, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, талошҳои муштарак баҳри пешгирӣ аз офатҳои табиӣ ва ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон оид ба ҳалли мушкилоти обӣ ва иқлимии сайёра андешаронӣ намуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар замони имрӯза рушди бемайлони иқтисодиёти ҷаҳонӣ, илму техника, соҳаи саноату кишоварзӣ боиси афзудани партовҳо ва дигар омилҳои таъсиррасонии инсон ба муҳити зист мешавад,



ки ба тағйирёбии бесобиқаи иқлими сайёра оварда расонидааст. Дар ин росто, танҳо ҳамгироиву ҳампаймонӣ ва муттаҳиддиву чораандешии умумиҷаҳонӣ василаи ягонаи пешгирии ҳолати тағйирёбии иқлим маҳсуб мегардад.

Дар ин ҷода, масъалаи тағйирёбии глобалии иқлим ва зарурати талошҳои муштарак барои рафъи оқибатҳои он ҳамчун мушкилоти ҷиддии замони муосир мавриди таваҷҷуҳи хоси мамлакати мо, таҳти роҳбарии Президенти маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст.

Бо дарки муҳимияти масъали мазкур Пешвои муаззами миллат дар иҷлосияи 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид зикр намуданд, ки "дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 13 ҳазор пирях ба қайд гирифта шудааст. 60 фоизи захираҳои оби минтақа дар ҳудуди кишвари мо ташаккул меёбад. Обшавии босуръати пиряхҳо, яке аз манбаи асосии оби тоза, андешидани тадбирҳои мушаххас, аз ҷумла пажӯҳиш, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ва ҳамкориҳои амиқи байналмилалиро тақозо мекунад".

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаи кишварҳои аъзо барои ҳамкорӣ дар қабули Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милал дар бораи эълон намудани соли 2025 ҳамчун "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" изҳори миннатдорӣ карданд.

Аз натиҷаҳои бобарори Конфронси байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" ёдовар шуда, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори бовар намуданд, ки татбиқи уҳдадориҳои дар Конфронс гирифтаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати расидан ба Ҳадафи шашуми Ҳадафҳои Рушди Устувор ва ҳалли дигар масъалаҳои байналмилалии вобаста ба об мусоидат хоҳад кард.

Соли 2024 дар шаҳри Душанбе Конфронси сеюми сатҳи баланд оид ба татбиқи Даҳсолаи "Об барои рушди устувор", ҳамчунин, соли 2025 Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор мегардад. Интизор меравад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин чорабиниҳои муҳимми байналмилалӣ иштироки фаъол хоҳад дошт.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар рӯзномаи глобалии об ва иқлим ҷиҳати рушди ҳамкориҳо миёни кишварҳо ва созмонҳо дар ин ҷода минбаъд низ талош хоҳад кард.

Таъкид гардид, ки дар шароити муосир ташаккули "иқтисоди сабз" яке аз вазифаҳои мубрами инсоният гардидааст. Дар ин росто қайд гардид, ки "дар кишвари мо 98 фоизи неруи барқ аз манбаи барқароршаванда, яъне гидроэнергетика истеҳсол мешавад ва Тоҷикистон аз рӯйи ин нишондиҳанда дар ҷаҳон дар мақоми шашум қарор дорад".

Истифодаи самаранoку оқилонаи захираҳои фаровони гидроэнергетикии Тоҷикистон метавонад барои рушди тавлиди "энергияи сабз" дар минтақа заминаи мусоид фароҳам оварад.

Дар маҷмуъ метавон қайд намуд, ки мавқеъ ва нақши Пешвои муаззами миллат доир ба ҳалли масоили тағйирёбии иқлим, норасогии оби нӯшокӣ, обшавии пиряхҳо ва таъмини амнияти экологии инсоният меҳварӣ ва калидӣ унвон гардида, аз ҷониби аксар кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазироӣ ва ҷонибдории амиқ дар роҳи ояндаи босуботи инсоният ва фазои мусоиди экологии сайёра пайдо намудаанд ва ин иқдомот дар таърихи рушди инсоният саҳифаҳои наверо боз намуданд.

# КОНСТИТУТСИЯ – БУЗУРГТАРИН ДАСТОВАРДИ МИЛЛАТ

**Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҳсули ақлу хиради миллат барои пойдории давлат аҳаммияти бузурги ҳаётӣ дошта, ба наслҳои минбаъда ҳамчун чароғи ҳидоят хизмат мекунад.**

Арзишмандтарин ва бузургтарин дастоварди мардуми шарафманд ва куҳанбунёди Тоҷикистон дар замони истиқлолияти давлатӣ ин қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Конститутсияи кишвар тамоми орзуву ормон ва ҳуввияти озодихоҳиву озодиандешии мардуми соҳибистиқлоли тоҷикро дар худ ифода намуда, барои пойдории ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ноил гардидан ба пешравиҳои бузурги сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳайё намудани шароити арзандаи зиндагонии босаодати ҳар фард заминаи мусоидро фароҳам овард.

Лозим ба ёдоварист, ки сулҳу ваҳдати миллӣ, оромию субот дар ҷомеа ва таъмини амнияти сартосарии кишвар аз беназиртарин ва арзишмандтарин дастовардҳое мебошанд, ки мардуми бузургу сарбаланди тоҷик бо шарофати заҳмату талошҳои шабонарӯзии роҳбари оқилу тавоно, қаҳрамони асил, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овардааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки ба шарофати қабул гардидани ин санади бузурги таърихӣ халқи мо рукнҳои асосии давлатдории худ - Парчам, Нишон, Суруди миллӣ ва Забони давлатиро хусусияти меъёрӣ бахшид ва Тоҷикистони азизи мо аз ҷониби ҷомеаи башарӣ ҳамчун давлати мустақил эътироф гардид.

Ҳамин тавр, Конститутсияи Тоҷикистон воқеан ҳам ҳуҷҷати бузургест, ки дар таърихи навини мо ҳамто надорад ва мо маҳз ба шарофати он ба ҳаёти осоиштаву созандагӣ расида барои пойдории ваҳдати миллӣ ва истиқрори сулҳ дар сарзамини бостониамон, амалӣ намудани ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи мустаҳкам гузошта, дар амалишавии мақсаду ҳадафҳои олии давлату ҷомеаи Тоҷикистон, суботи сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии давлат, фаъолияти бонизоми ҳокимияти давлатӣ ва волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ саҳмгузор аст.



**Комрон ДАВЛАТЗОДА**
**дотсенти кафедраи крминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ**

# ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ



Таъмини сулҳу субот ва амнияти пойдор яке аз омилҳои калидӣ ва шарти муҳими эҷоди раванди созандаи рушди устувор дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавии мамлакатҳои муосир маҳсуб меёбад.

Терроризм ва экстремизм дар шароити муосир ҷинояти дорои хусусияти ҷаҳонӣ буда, мубориза бар зидди он ҳамкории пайвастаи доимӣ ва мутақобилаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқро тақозо менамояд.

Дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор стратегияву консепсияҳо низ қабул шуданд. Аҳамияти санадҳои мазкур дар он ифода меёбад, ки агар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло номбаршуда асосҳои умумӣ, субъектҳо, принсипҳо, самтҳои фаъолияти муқовиматро пешбинӣ намоянд, стратегияву консепсияҳо бошанд, самтҳои алоҳида, омилҳо ва тамоюлҳои терроризм ва экстремизм, самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар ин самт, такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ, ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм ва чанде дигар тадбирҳои мушаххасро ҷиҳати самаранокии муқовимат ба терроризм ва экстремизм роҳандозӣ менамоянд.



Дар ин асно, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021 №187 ба тасвиб расидааст, ки муборизаи дастаҷамъонаи ҷомеаи шаҳрвандиро бар зидди ин падидаи хатарзо талаб менамояд.

Дар ин замина, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №187 Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 қабул карда шудааст. Стратегияи мазкур самтҳои муқовимат ба терроризм ва экстремизмро муқаррар менамояд, ки амалинамоии он барои аз байн бурдани ин зуҳуроти номатлуб метавонад таъсиррасон бошад.

Ҳамзамон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265 Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ барои солҳои 2021-2030 қабул карда шуд. Тибқи муқарраროти умумии санади мазкур баланд бардоштани самаранокии тафтиш ва пешгирии ҷиноят дар шароити муосир аз мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ на танҳо равона намудани тамоми қувва ва имкониятҳоро дар мубориза бо ҷинояткорӣ, балки такмили сохтор ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъмини муносибати бонизом ва маҷмуӣ ҷиҳати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷустуҷӯйи шакл ва тарзҳои нави ғайримуқаррарии таъсиррасонӣ ба ҷиноятkorиро талаб менамояд. Дар баробари ин, Барномаи мазкур ҷиҳати муқовимат бо терроризм ва экстремизм мақомоти ҳифзи ҳуқуқро уҳдадор менамояд, ки бо мақомоти марбутаи давлатҳои дигар ҳамкориро таҳким бахшад.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло қайд кардан бамаврид аст, ки ҷиҳати танзими ҳуқуқии муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, ҳуҷҷатҳои стратегӣ низ нақш ва аҳамияти хоссаи худро доранд.

**Акмал БУРИЕВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва истифодаи сарватҳои табиӣ**

# МОҲИЯТИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТРАСОНИИ ДАВЛАТӢ

Имрӯзҳо дар ҷаҳон раванди рушди низоми иттилоотӣ ва хизматрасонӣ рӯи кор омаддаст, ки ҳолати мазкур аз давлатҳои басо пешсаф ба дигар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба сифати таҷрибаи пешқадам мавриди истифода қарор дода мешавад. Бо ин назардошт то 10 солаҳои наздик барои қонеъ намудани талаботи шаҳрвандон вобаста ба расмигардонии амалҳои онҳо ва ё кору объектҳои муайян шакли классикии хизматрасониҳо мавриди истифодаи умум қарор дошт. Аммо, ҳолати мазкур бо тараққи кардани низоми инноватсионии шабакавӣ дар сатҳи давлатӣ ва хусусӣ таъсири худро ба механизми хизматрасонӣ, махсусан хизматрасонии давлатӣ низ расонид. Аз ин рӯ имрӯзҳо ҷараёни мутобиқнамоии хизматрасониҳои давлатӣ ба низоми нави электрони ба таври густурда ҷараён дорад.

Дар доираи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ яке аз падидаҳои муҳиме, ки барои қонеъ намудани талаботҳои аҳолӣ равона гардидааст ин хизматрасонии давлатӣ мебошад. Албатта, падидаҳои ҳуқуқӣ ҳам аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳам аз лиҳози қонунгузорӣ баҳогузорӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ, хизматрасонии давлатӣ низ бо назардошти илмӣ (ҳуқуқи маъмурӣ), қонунгузории соҳавӣ ва ё қонуни мушаххас баррасиву танзим карда мешавад. Оид ба хизматрасонии давлатӣ, мафҳум, моҳият ва мақсади он аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи идоракунии давлатӣ, илми ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодӣ андешаҳои гуногун иброз гардидаанд.

Ба андешаи Алкина Г.И., хизматрасонии давлатӣ ин фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад, ки дар баамалбароии ҳаракатҳои муайян (қабули қарорҳо), ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир додан ё қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқӣ ё пайдогардии иттилооти муайян вобаста ба муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оиди амалинамоии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки зери мафҳуми хизматрасониҳои давлатӣ – яке аз шаклҳои амалӣ намудани вазифаҳои алоҳидаи давлатӣ оид ба қонеъ кардани муроҷиати инфиродии гирандагони хизматрасонӣ, ки ба татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии онҳо равона гардидааст, фаҳмида мешавад.

Бестолкова Г.В. чунин андешаро пеша менамояд, ки хизматрасонии давлатӣ дар баробари баамалбарории анъанавӣ бештари мавридҳо ба таври электронӣ амалинамоии он ба манфиати истифодабарандагони хизматрасониҳо эътироф карда мешавад.

Ба андешаи муҳаққиқ Восколович Н.А. имрӯз вақти он расидааст, ки хизматрасонии давлатӣ бо пешрафт кардани технологияҳои инноватсионӣ ва моҳворавӣ бояд низоми хизматрасонии давлатӣ ба низоми электронӣ ворид карда шавад.

Албатта, андешаи болозикр ба воқеияти амалии таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ роҷеъ ба расонидани хизматрасонии давлатӣ мутобиқат намуда, дар як маврид талаботи рушди низоми гардиши талаботи аҳолӣ дар тамоми давлатҳои алоҳида низ бо воситаи механизмҳои иттилоотӣ-инноватсионӣ амалӣ шуда истодааст. Бо ин назардошт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ заминаҳои ҳуқуқиву идоравии (механизми амалишавии ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар ҷодаи хизматрасонии давлатӣ) тақвият ёфта истодааст, ки исботи андешаи мазкурро аз қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаи баррасишаванда мушоҳида намуданамон мумкин аст.

Аз ин хотир, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои танзими пурраи муносибатҳо оид ба хизматрасонии давлатӣ махсусан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» аз 2 апрели соли 2020, №1690 қабул карда шудааст, ки то ҳол амал карда истодааст.

Ҳамчунин, барои танзими бевосита ва ё бавоситаи комплексии ҳуқуқӣ ва муайян намудани заминаҳои минбаъдаи рушди фазои хизматрасонии давлатӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» аз 2 апрели соли 2020, №1690, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» аз 5 январи соли 2008, №359, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» аз 19 марти соли 2013, №943, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» аз 24 февралӣ соли 2017, №1397, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои пешбурди феҳристи хизматрасониҳои давлатӣ» аз 28 марти соли 2022, №123, Қоидаҳои мутаносиб ва автоматӣ гардонидани хизматрасониҳои давлатӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2022, 124 тасдиқ шудааст, Консепсияи рушди низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2013, №446 тасдиқ шудааст, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хизматрасониҳои давлатӣ» аз 27 августи соли 2020, №462 ва монанди инҳо қабул карда шудаанд.

Яке аз масъалаҳои мубрами хизматрасонии давлатӣ ин моҳиятан амалӣ намудани он аз ҷониби мақомотҳо ва идораҳои давлатии гуногун мебошад, ки барои ворид намудани низоми ягонаи он бо дарназардошти пайдогардии механизмҳои иттилоотӣ ва шаклҳои нави хизматрасониҳо мушкилӣ эҷод менамояд. Аз ин хотир, масоили мазкур ба он оварда мерасонад, ки барои ба дараҷаи нав ва ба талаботи замон мувофиқ гардонидани низоми хизматрасонии давлатӣ ислоҳоти фишангҳои танзимнамоӣ ва идоракунии самти мазкур ногузир мебошад.

Маҳз дар ҷодаи болозикр дар ҷумҳурӣ “Номгӯйи хизматрасониҳои давлатие, ки бояд муносиб ва автоматӣ гардонида шаванд ва муҳлати ба шакли электронӣ гузаронидани онҳо”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2022, 72 тасдиқ шудааст. Мутобиқи номгӯйи мазкур ба ҳисоби оморӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 10, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистн 2, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон 3, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 ва дар умум 26 вазорату идораҳо фарогири 55 хизматрасониҳо мебошад.

Нишондиҳандаи болозикр гувоҳи он мебошад, ки ҳоло то давраи соли 2025 дар маҷмуъ 55 хизматрасониҳои давлатӣ ба шакли муосири электронӣ марҳила ба марҳила ворид карда мешаванд.

Ҳамин тариқ аз таҳлилу омӯзиши масъалаҳо вобаста ба хизматрасониҳои давлатӣ маълум мегардад, ки раванди хизматрасониҳои давлатӣ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва ташаббуси гирандагони хизматрасонӣ бештар ба амал омаданашон мумкин аст.

Ҳамчунин, хизматрасониҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон музднок ва ё ройгон анҷом дода мешаванд. Ҳолати мазкур гувоҳи аз он медиҳад, ки ду навъи ба амал баровардани хизматрасониҳои давлатӣ вобаста ба пардохти онҳо вуҷуд доранд, ки ба тариқи ройгон ва дар асоси музднок.

Дар ҳолати ба тариқи ройгон ба амал баровардани хизматрасониҳои давлатӣ ягон навъи пардохт аз ҷониби гирандагони хизматрасониҳои давлатӣ ба амал бароварда намешаванд ва дар як маврид аз ҷониби хизматрасон низ барои расонидани хизматрасонӣ пардохт талаб карда намешавад.

Агар хизматрасониҳои давлатӣ ба таври музднок роҳандозӣ карда шаванд, дар ин ҳолат бояд аз ҷониби гирандаи хизматрасониҳои мазкур пардохтҳо дар асоси талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда шаванд.

Ҳамин тариқ бояд тазаккур дод, ки барои пурра гузаштан ба хизматрасонии давлатӣ пеш аз ҳама омодагии гирандагони хизматрасонӣ ба ин раванд ба инобат гирифта шуда, корҳои фаҳмондадиҳи дар ин самт вусъат дода шавад.

**Зафар РАҲИМ**
**и.в., директори Маркази ёрии ҳуқуқии Вазорати адлияи ҶТ**

**Мирзоқодир ҚОДИРЗОДА**
**муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи ҶТ**




# КОНСТИТУТСИЯ – БАХТНОМАИ МИЛЛАТ

Ман, донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз он шарафмандам, ки миллати фарҳангсолори тоҷик пас аз ҳазор соли бедавлатӣ имрӯз соҳиби давлат, забон, фарҳанг ва арзишҳои муҳимми давлатдорӣ буда, мавқеи он дар шинохт ва пазироии арсаи байналмилалӣ ба пуррагӣ муайян аст. Аз ифтихор дорам, ки тоҷикам ва дар ин сарзамини аҷдодӣ умр ба сар мебарам.

Пас аз соҳибистиклол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи кишвари азизи мо ба сӯи оянда боз ҳам дурахшонтар гардид. Дар ин давра, халқи шарафманди мо тавонист ба дастовардҳои зиёде ноил гардад, ки яке аз онҳо ин қабули Конститутсия мебошад. Ин санади басо ҳам муҳиму тақдирсози миллат муайянкунанда ва кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, муаррифгари мамлакати мо дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ махсуб меёбад. Ҳар як моддаву меъёри он баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, густурдатар гардонидани пояҳои давлатдорӣ ва муҳайё намудани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон бахшида шудаст.

Имрӯз ҳама мақомотҳои давлатӣ, шахсони мансабдор ва дигар шаҳрвандони одӣ аз доираи муқарарнамудаи Конститутсия берун намебароянд ва фаъолияти онҳо маҳз аз ин Қонуни асосии давлат сарчашма мегирад.

Ҳамин тарик, пас аз соҳибихтиёрӯ соҳибистиклол гардидани ҶТ қонуният хусусияти конститутсионӣ гирифта, иҷроиши он ба тадриҷ устувор гардид ва мавқеву манзалати худро дар ҷомеа пайдо намуд.



**Эҳсон РАҲИМОВ**
**донишҷӯи соли 1**




# НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛӢ ДАР ТАЪРИХИ НАВИНИ ТОҶИКОН

*Баргузор гардидани Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ яке воқеаҳои муҳимтарини масири давлатдории тоҷикон маҳсуб ёфта, аз ҷиҳати таърихӣ сарманшаъи давлатсозии миллӣ эътироф мегардад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 1992 нақш ва мавқеи Иҷлосияро ба сифати рӯйдоди сарнавиштсози миллат муайян намуданд, зеро он дар кишвар гардиши куллиеро ба вуҷуд овард. Маҳз он давлати моро аз вартаи ҳалокат наҷот дода, заминаи давлати миллии моро таҳким бахшид.*

Дар таърихи навини халқи тоҷик Иҷлосия марҳилаи нави давлатсозӣ, бунёдкорӣ ва созандагӣ буда то имрӯз идома меёбад. Тамоми дастовардҳо ва пешравиҳо назаррас дар ҳама соҳаҳо бо ин Инҷлосияи сарнавиштсоз иртиботи кавӣ дорад.

Маҳз дар Иҷлосияи тақдирсози мазкур муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби намояндагони мардуми кишвар ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии интихоб гардида, ҳамзамон ваколати сардори ба он кас дода шуд. Ба уҳдаи сардори давлат таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, риояи меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардид.



**Зафар ШАРИПОВ**
**донишҷӯи соли 2**

Пешвои муаззами миллат сиёсати хирадмандонаро пешаи кори худ қарор дода мардумро ба ояндаи дурахшон бовар кунонид. Аз рӯзи аввали ба вазифа шуруъ кардан ба мардуми шарафманди Тоҷикистон муроҷиат намуда, чунин иброз доштаанд, ки "Ман ба ҳар яки Шумо дар давраи барои Ватан хело душвор муроҷиат карда, ба ақлу заковати Шумо, ки ворисони фарзандони барӯманди миллати тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила баркарор шудани сулҳ равона карда, барои гул-гулшукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам".

Нақши Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ дар чунин асосҳо баён намудан мумкин аст:

– роҳбари нави сиёсии мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид;

– сохтори конститутсионӣ дар мамлакат баркарор гардид;

– хатари пош хӯрдани Тоҷикистон ва парокандагии миллат пешгирӣ карда шуд;

– тадбирхои мукамали аз бухрони сиёсӣ, иктисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баровардани ҷомеа ба миён гузошта шуд;

– самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат муайян гардид;

– мавкеи байналмилалӣ малакат боло рафт ва ғайра.

Бо боварии комил гуфта метавонем, ки миллати тоҷик бо роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат ба тамоми пешравиҳо, дастовардҳои беназир ва ба ҳадафҳои стратегии худ ноил гардида, барои гул-гулшукуфоии кишвар ва рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат тадбирҳои судманд андешида шуд.

# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН – МАҲЗАНИ НУРУ ЗИЁ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бузургтарин макони илму маърифат ва ганҷинаи бебаҳои донишу хирад махсуб ёфта, дар пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии мамлакат нақши худро мегузорад. Зеро хатмкунандагони он бо дилу нияти пок ба халқу Ватан хизмат менамоянд. Ҳамчуноне ки аз номаш пайдост, ин макони муқаддас воқеан ҳам миллӣ ва мардумӣ буда, зери роҳбарии устодони ботаҷриба ва донишманди худ даҳҳо ҳазор нафарро илм додаву соҳиби касб, обрӯ ва номи нек кардааст.

Хушбахтона, дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сифати таълиму тарбия дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба маротиб беҳтар шудаистодааст.

Ҳамзамон, раёсати донишгоҳ зери роҳбарии ректори муҳтарам, доктори илмҳои иктисодӣ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт баҳри таъмини шароити мусоиди таълим ва баланд бардоштани пояи моддию техникии донишгоҳ тамоми чораҳои заруриро андешида истодаанд.



**Меҳроб САФАРОВ**
**донишҷӯи курси 2**

Ба рох мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ бо донишгоҳҳои хориҷӣ кишвар ва дар ин замина, зиёд шудани сафи донишҷӯёни хориҷӣ аз зарфиятҳои дигари Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Мо, хушбахттарин ҷавонони замони истиклол мебошем, ки сазовори номи донишҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳастем ва аз дарси устодони соҳибтаҷрибааш ғизои маънавӣ мегирем.

**75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муборак!**